«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ҷ.Б. ________
аз «31» январи 2025 с.

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Диссертатсияи Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна дар мавзуи “Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар кафедраи филологияи англис иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна докторанти кафедраи филологияи англис ба шумор мерафт.

Мустафоева М.Р. соли 2011 ба факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, онро соли 2015 аз рӯйи ихтисоси илмҳои филологӣ, забони англисӣ хатм намудааст. Пас аз хатми Донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил соли 2018 ба шуъбаи магистратураи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) дохил шуда, зинаи мазкурро соли 2020 аз рӯйи ихтисоси омӯзгори забони англисӣ хатм кардааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, тахти №218-4д аз 14.09.2020 ба ҳайси докторант дар кафедраи филологияи англис аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология қабул карда шудааст.

Мавзуи рисолаи номзадиаш дар Шурои олимони Донишкада аз 29 октябри соли 2020, тахти №3/3-7 тасдиқ гардидааст.

Бояд зикр намуд, ки номбурда дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар асоси мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 27.03.2025, № 07 (49) 01-176) фарқиятҳои академиро аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология дар муқоиса ба ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ супорида, диссертатсияи илмии худро дар мавзуи “Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) омода намудааст.

Роҳбари илмӣ Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2025, №3/244 аз ҷониби Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дода шудааст.

Диссертатсияи Мустафоева М.Р. дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои филологияи англис ва забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума аз 29.02.2025, тахти №8/1 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия гардидааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи “Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи

асари “Пирамард ва бахр”-и Э. Ҳемингвей)” чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос бо номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия**. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мутобиқат мекунад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Мавзуи диссертатсия ба “Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Илова бар ин, ба маводди диссертатсия зимни пажуҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни забоншиносии муқоисавӣ, маърифатию фарҳангӣ ва тарҷумашиносӣ метавон такя кард. Маводди илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқ, махсусан, роҷеъ ба бартараф намудани тағйироти куллӣ дар ҷумлаи матни тарҷумавӣ аз як забон ба забони дигар, ҳамзамон, дар назария ва амалияи омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар муқоиса бо забони тоҷикӣ метавонад мусоидат намояд. Ҳамзамон, натиҷаҳои диссертатсия ҳангоми таҳия ва хондани курсҳои назариявию амалӣ доир ба тарҷумашиносӣ, тадриси курсҳои махсус барои донишҷӯён, магистрантон, докторант (PhD) ва мутахассисон ҷиҳати навиштани корҳои илмӣ оид ба тарҷума ва тарҷумашиносӣ, инчунин, таҳияи китобҳои дарсӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ метавонанд истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқ барои ҳалли мушкилиҳо ва масъалаҳои назариявӣ ва амалии самти забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ кумак мерасонад. Истифодаи мисолҳои диссертатсия аз асари бадеӣ ҳамчун воситаи аёнӣ барои омӯзиши грамматикаи забони тоҷикӣ ва англисӣ аз манфиат орӣ нест.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат мекунад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст масъалаи вижагиҳои наҳвии ҷумлаи тарҷумавӣ дар матнҳои асари «Пирамард ва баҳр»-и Э. Ҳемингвей аз англисӣ ба тоҷикӣ мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор дода шудааст. Хулоса ва тавсияҳои таҳқиқ барои ҳалли як қатор масъалаҳои тарҷумашиносии тоҷику англис саҳми арзанда мегузорад.

Диссертатсияи Мустафоева М.Р. дар мавзуи "Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари "Пирамард ва баҳр"-и Э. Ҳемингвей)" ба ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мутобиқат менамояд:

- Бандҳои 31-35-37-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ"-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Вобаста ба мазмун ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда интишор гардидаанд, ки ҳаҷми умумии онҳо 2,87 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундаричаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мазмуни диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

1. Мустафоева М.Р. Муқоиса ва усули истифодаи он дар раванди тарҷумаи асарҳои бадеӣ (дар мисоли асари Э. Ҳемингвей "Пирамард ва баҳр") / М.Р. Мустафоева // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих. – Душанбе, 2021. – №1 (41). – С. 50-56.

2. Мустафоева М.Р. Таҳлил ва муодилнокии калимаҳо дар забони англисӣ ва тоҷикӣ дар мисоли асари "Пирамард ва баҳр"-и Э. Ҳемингвей) / М.Р. Мустафоева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №2 (91) – С. 119-124.

3. Мустафоева М.Р. Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои сода дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ (дар мисоли асари Э. Ҳемингвей "Пирамард ва баҳр" / М.Р. Мустафоева // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих. – Душанбе, 2022 – №1(45). – С. 50-60.

4. Соҳибназарова Ҳ.Т., Мустафоева М.Р. Ҷумла ва мавқеи он аз нигоҳи забоншиносон / М.Р. Мустафоева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №1(102). – С. 16-21.

II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:

1. Мустафоева М.Р. Безэквивалентные грамматические единицы в английском и таджикском языках и способы их передачи / М.Р. Мустафоева // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии ҳайати профессорону омӯзгорони Муассисаҳои олии касбии Россия, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон "Масъалаҳои мубрами муоширати байнифарҳангӣ: бо ҳифзи гузаштаояндаро месозем". – Самарқанд, 2021. – С. 220-224.

2. Мустафоева М.Р. Намудҳои ҷумлаи пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар мисоли асари Э. Ҳемингвей «Пирамард ва баҳр») / М.Р. Мустафоева // Маводи конференсияи илми-назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами омӯзиши забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ ва хитоӣ) дар шароити муосир» (ш. Кулоб, 20 сентябри соли 2024). – Кӯлоб. – С. 48-54.

3. Мустафоева М.Р. Таснифоти категорияҳои грамматикӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / М.Р. Мустафоева // Маводди конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба амалигардонии «Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон» ва «Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030» – Душанбе, 2022. – С. 79-83.

4. Мустафоева М.Р. Масъалаҳои умдаи назарияи тарҷумаи бадеӣ / М.Р. Мустафоева // Маводди конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ «Масъалаҳои мубрами тарҷумашиносӣ: назария ва методҳои таҳқиқи "тарҷуманопазирӣ"». – Душанбе, 2024. – С. 283-289.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна дар мавзуи "Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари "Пирамард ва баҳр"-и Э. Ҳемингвей)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна дар мавзуи "Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари "Пирамард ва баҳр"-и Э. Ҳемингвей)" аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои филологияи англис ва забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума аз 29.03.2025, таҳти №8/1 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 16 нафар, "зид" – нест, "бетараф" - нест.

Раиси ҷаласа:
Мудири кафедраи филологияи англиси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
н.и.ф., дотсент Кесамирова Саодат Рустамовна

Профессори кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич

Котиби ҷаласа:
ассистенти кафедраи
филологияи англиси Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Туманов Саидмудасир Сайдалиевич

Имзоҳои С.Р. Кесамирова, Ф.М. Турсунов ва С.С. Тумановро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна